# ВАРАҚАИ МАТБУОТӢ

## ОИД БА ФАЪОЛИЯТИ ФИЛИАЛИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОСКВА БА НОМИ М.В. ЛОМОНОСОВ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ ДАР НИМСОЛАИ АВВАЛИ СОЛИ 2026

# ПРЕСС-РЕЛИЗ

## О ДЕЯТЕЛЬНОСТИ ФИЛИАЛА МОСКОВСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА ИМЕНИ М.В. ЛОМОНОСОВА В ГОРОДЕ ДУШАНБЕ ЗА ПЕРВОЕ ПОЛУГОДИЕ 2026 ГОДА



**М У Н Д А Р И Ҷ А**


| | | |
|---|---|---|
| | **МАЪЛУМОТИ УМУМӢ** | **3** |
| **1.** | **ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ** | **4-6** |
| 1.1. | Маълумоти умумӣ оид ба равияҳо | 4 |
| 1.2. | Теъдоди донишҷӯён | 4 |
| 1.3. | Ташкили таҷрибаомӯзӣ | 5 |
| 1.4. | Таҳсилоти фарогир | 5 |
| 1.5. | Бокортаъминшавии хатмкунандагон | 5 |
| 1.6. | Таъминоти кадрии раванди таълим | 6 |
| **2.** | **ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ** | **7-9** |
| 2.1. | Равияҳо ва интишороти илмию таҳқиқотӣ | 7 |
| 2.2. | Корҳои илмию таҳқиқотии донишҷӯён | 8 |
| 2.3. | Иштирок дар озмун ва олимпиадаҳо | 8 |
| 2.4. | Чорабиниҳои илмӣ | 8 |
| 2.5. | Омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ | 9 |
| 2.7. | Фаъолияти табъу нашр | 9 |
| **3.** | **ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ** | **10** |
| 3.1. | Донишҷӯёни хориҷӣ | 10 |
| 3.2. | Табодули байналмилалии академӣ | 10 |
| 3.3. | Шартномаҳои байналмилалӣ | 10 |
| **4.** | **ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯВӢ ВА РОБИТА БО ҶОМЕА** | **11-12** |
| 4.1. | Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон | 11 |
| 4.2. | Робита бо ҷомеа | 12 |
| **5.** | **ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ** | **13** |
| 5.1. | Тармиму нигоҳдории биноҳо ва иншооти Филиал | 13 |
| 5.2. | Таъминоти захиравӣ ва техникӣ | 13 |
| 5.3. | Шароити иҷтимоиву маишӣ | 13 |
| **6.** | **ЛИТСЕЙ** | **14** |
| **7.** | **ДУРНАМОИ ФАЪОЛИЯТ** | **15** |

Ифтитоҳи филиали Донишгоҳи давлатии Маскав дар соҳаи маорифи мамлакати мо воқеаи муҳим мебошад. Зеро он дар тайёр намудани мутахассисон мувофиқи талаботи замони ҳозира нақши муҳим мебозад. Дастпарварони ин мактаби олӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти мамлакати мо зарур мебошанд.

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОН**

## МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе бо мақсади вусъат додани ҳамкории байналхалқӣ дар самти таҳсилоти олӣ дар асоси фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06 майи соли 2009, №655 таъсис дода шудааст. Муассисони Филиал Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов мебошанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти стратегии ифтитоҳи филиали донишгоҳи сатҳи ҷаҳониро дар ҷумҳурӣ қайд намуда, вазифа гузоштанд, ки он ба филиали минтақавии Донишгоҳи давлатии Москва табдил дода шавад.

Фаъолияти таълимӣ дар Филиал аз ҳисоби буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешавад.

Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе фаъолияти худро дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар соҳаи маориф ва илм, инчунин ҳуҷҷатҳои стратегию барномавие, ки самтҳои афзалиятноки рушди соҳаҳои маориф ва илмро муайян менамоянд, ба роҳ мондааст. Иҷрои муқаррароти стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар доираи фаъолияти таълимӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва тарбиявӣ амалӣ карда мешавад.

Роҳбарияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар нисолаи якуми соли 2026 бо дарки масъулият баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба беҳтар намудани сатҳ ва сифати раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар, ки аз суханрониҳояшон зимни паёмҳову вохӯриҳо бо аҳли илм ва маориф бармеоянд, инчунин дастуру фармоишҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои ректори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, қарорҳои Шурои олимон ва раёсати Филиалро роҳнамои фаъолияти худ қарор дода, дар самти таълиму тарбия, таҳқиқоти илмӣ ва корҳои хоҷагидорӣ як қатор чорабиниҳои судмандро амалӣ намуда, ба дастовардҳои назаррас ноил гардид.

# 1. ФАЪОЛИЯТИ ТАЪЛИМӢ

## 1.1. Маълумоти умумӣ оид ба равияҳо

Фаъолияти таълимии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе тибқи талаботи Стандартҳои федералии давлатии таҳсилоти олии Федератсияи Россия амалӣ карда мешавад.

Дар Филиал омодасозии кадрҳои баландихтисос мутобиқи талаботи Стандартҳои федералии давлатии таҳсилоти олии насли сеюм (СФДТО 3++) амалӣ мегардад. Раванди таълим аз рӯйи шаш равияи таҳсилоти олӣ ташкил карда шудааст: 01.03.02 – Математикаи амалӣ ва информатика, 04.03.02 – Химия, физика ва механикаи мавод, 05.03.01 – Геология, 38.03.04 – Идоракунии давлатӣ ва маҳаллӣ, 41.03.05 – Муносибатҳои байналхалқӣ ва 45.03.02 – Лингвистика.

Соли 2026 шумораи умумии хатмкунандагони Филиал **107** нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора **15** нафар муассисаро бо дипломи аъло хатм намуданд. Нисбат ба соли 2025 шумораи гирандагони дипломи аъло **4** нафар зиёд гардидааст.

## 1.2. Теъдоди донишҷӯён

Теъдоди донишҷӯёни Филиал ба санаи 30 июни соли 2026 **417** нафарро ташкил дод, ки аз он **295 (71%)** донишҷӯ дар гурӯҳҳои буҷавӣ ва **122 (29%)** донишҷӯ дар гурӯҳҳои шартномавӣ таҳсил менамоянд.




**Расми 1. Теъдоди донишҷӯёни Филиал**

Дар нимсолаи якуми соли соли 2026 аз сафи донишҷӯён **6** нафар донишҷӯ хориҷ карда шуданд.




**Расми 2. Теъдоди донишҷӯёни хориҷшуда**

### 1.3. Ташкили таҷрибаомӯзӣ

Таҷрибаомӯзии таълимӣ, истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯён дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва сохторҳои Филиал баргузор мегардад. Барои ин Филиал бо зиёда аз **60** муассиса ва ташкилот шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонидааст. Ҳамзамон, Филиал дорои пойгоҳи таҷрибаомӯзӣ дар ҷамоати деҳоти Зиддеҳи ноҳияи Варзоб мебошад. Дар соли 2026 дар ин пойгоҳ 27 нафар донишҷӯи курсҳои якум ва дуюми равияи «Геология» таҷрибаомӯзии таълимии худро бомуваффақият гузарониданд.

Дар умум, дар семестри баҳории соли таҳсили 2025/2026 ҳамагӣ **352** донишҷӯ аз таҷрибаомӯзӣ гузаштанд. Аз **20** таҷрибаомӯзӣ: **8** таҷрибаомӯзии таълимӣ, **1** педагогӣ, **5** истеҳсолӣ ва **6** пешаздипломиро ташкил дод.

### 1.4. Таҳсилоти фарогир

Дар соли таҳсили 2025/2026, **27** нафар донишҷӯи равияҳои 04.03.02 – Химия, физика ва механикаи мавод ва 05.03.01 – Геология барои идомаи таҳсил дар доираи барномаи таҳсилоти фарогир ба Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов фиристода шуданд.

Барои донишҷӯёни дигар равияҳои таҳсил дар Филиал раванди таълим мутобиқи нақшаҳо ва барномаҳои таълимии тасдиқшуда ба таври пурра таъмин гардид. Машғулиятҳоро ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов ва Филиал дар шаклҳои ҳузурӣ ва маҷозӣ баргузор намуданд.

### 1.5. Бокортаъминшавии хатмкунандагон

Фаъолият оид ба роҳнамоии касбӣ ва мусоидат ба бокортаъминшавии хатмкунандагони Филиал аз ҷониби шуъбаи таъмини методии раванди таълим ва назорати сифати таҳсилот амалӣ карда мешавад. Бо мақсади мусоидат ба таъмини хатмкунандагон бо ҷойи кор **15 июни соли 2026** дар Филиал **Ярмаркаи ҷойҳои корӣ** баргузор гардид, ки дар он намояндагони **52** мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, корхонаҳо ва ташкилотҳои тиҷоратӣ иштирок намуданд. Ҳамзамон, намояндагони корфармоён ҳамасола дар кори аттестатсияи давлатии хатм иштирок менамоянд.




**Расми 3. Маълумот оиди бо кор таъмин шудани хатмкунандагон**

### 1.6. Таъмини кадрии раванди таълим

Раванди таълим аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорони Филиал, кормандони илмӣ-омӯзгории Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, ҳамкорони дохилӣ ва беруна, инчунин, кормандони соатбайъ амалӣ карда мешавад.




**Расми 4. Маълумот оид ба ҳайати профессорону омӯзгорон**

Дар нимсолаи якуми соли 2026 раванди таълим дар Филиал бо ҷалби **50** мутахассиси маҳаллӣ таъмин гардида, **74%**-и онҳо дорои дараҷаи илмӣ мебошанд. Ҳамзамон, **92** омӯзгори Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дарсҳоро дар шакли ҳузурӣ ва маҷозӣ гузаронида, **93%**-и онҳо дорои дараҷаи илмӣ буданд.

## 2. ФАЪОЛИЯТИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ ВА ИННОВАТСИОНӢ

### 2.1. Равияҳо ва интишороти илмию таҳқиқотӣ

Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионии Филиал дар доираи Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 амалӣ мегардад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар Филиал **32** нафар дорои дараҷа ва унвони илмӣ фаъолият намуданд, ки аз он **20 нафарро** ҳайати профессорону омӯзгорон ташкил дод, яъне **69%** миқдори умумии ҳайати профессорон ва омӯзгорон соҳиби дараҷаи илмӣ мебошанд. Аз онҳо доктори илм – **8** нафар ва номзади илм – **12** нафар. Дар раёсат низ **5** нафар доктори илм ва **7** нафар номзади илм кор мекунанд, ки фаъолияти илмию омӯзгориро низ пеш мебаранд.




**Расми 5. Омӯзгорони дорои дараҷаи илмӣ**

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон дар корҳои илмӣ ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои илмии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, дар маҷаллаҳои рейтингии дар хориҷа нашршуда, инъикос ёфтаанд.




**Расми 6. Интишороти ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон**

Қобили зикри махсус аст, ки соли 2026 аз ҷониби ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Филиал маҷмуаи илмии **«Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи рушди устувори давлат ва ҷомеа»** ба нашр расид. Маҷмуа аз **53 мақолаи** илмии устодону кормандони Филиал иборат буда, дар ҳаҷми **263 саҳифа** нашр гардидааст. Дар он паҳлуҳои гуногуни мухтавои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аҳамияти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқии он, инчунин нақши Паём дар рушди устувори давлат ва ҷомеа мавриди таҳлили илмӣ қарор гирифтаанд.

## 2.2. Корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён

Дар Филиал ба рушди фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Донишҷӯён дар корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳияи мақолаҳои илмӣ, иштирок дар конфронсҳо, семинарҳо ва озмунҳои илмӣ фаъолона ҷалб мегарданд.

Фаъолияти илмии донишҷӯён таҳти роҳбарии ҳайати профессорону омӯзгорон ба роҳ монда шуда, натиҷаҳои таҳқиқоти донишҷӯён дар конфронсҳои дохилию байналмилалӣ пешниҳод ва дар маҷаллаҳои илмӣ ба табъ мерасанд. Дар нимсолаи якуми соли 2026 донишҷӯёни Филиал **49** маводи илмӣ нашр намуданд.

## 2.3. Иштирок дар озмун ва олимпиадаҳо

Дар нимсолаи якуми соли 2026 донишҷӯёни Филиал дар озмуну олимпиадаҳои сатҳи гуногун иштирок намуда, соҳиби **9** ҷой гардиданд.




**Расми 7. Иштироки донишҷӯён дар озмуну олимпиадаҳо**

## 2.4. Чорабиниҳои илмӣ

Дар нимсолаи якуми соли 2026 вобаста ба самтҳои гуногуни фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии Филиал **29** чорабинии илмӣ баргузор гардиданд.




**Расми 8. Баргузории чорабиниҳои илмӣ**

## 2.5. Омода намудани кадрҳои илмӣ ва илмӣ-омӯзгорӣ

Дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе омода намудани кадрҳои илмӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар заминаи Филиал аспирантура аз рӯйи ихтисоси «Геология» ва ҳамчунин докторантураи PhD аз рӯйи ду ихтисоси афзалиятнок 6D070600 – Геология ва иктишофи канданиҳои фоиданок ва 6D091100 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии захираҳои табиӣ амал мекунанд.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 дар докторантураи PhD **4** нафар докторант таҳсил намуданд.

Ҳамзамон, дар давраи ҳисоботӣ **2** нафар омӯзгор ва корманди Филиал рисолаҳои номзадии худро бомуваффақият ҳимоя намуданд:

**Бобоев Шараф Асрорович** – муаллими калони кафедраи математика ва илмҳои табиӣ, 13 марти соли 2026

**Даврониён Илес Ота** – сардори шуъбаи тарбия, корҳои оммавӣ-фарҳангӣ ва робита бо ҷомеа, 13 июни соли 2026

Роҳбарияти Филиал барои анҷом додани корҳои илмии омӯзгорон ва кормандон шароити мувофиқ фароҳам овардааст. Аз ҷумла, бо қарори Директорат мукофотпулӣ дар ҳаҷми **20 000** сомонӣ барои ҳимояи рисолаи номзадӣ ва **40 000** сомонӣ барои ҳимояи рисолаи докторӣ муқаррар карда шудааст.

## 2.6. Фаъолияти табъу нашр

Филиал дорои маҷаллаи илмии «Паёми филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе» мебошад, ки дар ду бахш: бахши илмҳои табиӣ ва заминшиносӣ ва бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ба табъ мерасад.

Аз соли 2017 маҷалла ба феҳристи Шохиси русиягии иқтибосоварии илмӣ (ШРИИ-РИНЦ) шомил буда, аз 01 июли соли 2022 бахши илмҳои табиӣ ва заминшиносӣ ва аз 01 октябри соли 2024 бахши илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ ба рӯйхати нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил карда шудаанд.




**Расми 9. Миқдори мақолаҳои нашргардида дар маҷалла**

# 3. ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Мақсади дарозмуддати фаъолияти байналмилалии Филиал таҳким бахшидани мавқеъ ва нуфузи он дар фазои байналмилалии таҳсилотӣ ва илмӣ ҳамчун маркази муосири таълимӣ, илмӣ ва фарҳангӣ мебошад, ки қодир аст мутахассисони рақобатпазири ҷавобгӯ ба талаботи бозори меҳнатро омода намояд, таҳқиқоти илмӣ ва инноватсиониро анҷом диҳад, инчунин дар самтҳои гуногун хизматрасониҳои машваратӣ ва арзёбии экспертиро пешниҳод намояд.

## 3.1. Донишҷӯёни хориҷӣ

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Филиал рушди содироти хизматрасониҳои таълимӣ буда, дар доираи он ҷалби пайвастаи донишҷӯёни хориҷӣ ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳими стратегӣ муайян гардидааст. Дар давраи ҳисоботӣ дар Филиал **26 нафар донишҷӯи хориҷӣ** таҳсил намуда, онҳо **6 фоизи** шумораи умумии донишҷӯёнро ташкил медиҳанд.

| Кишвар | Шумора |
|---|---|
| Федератсияи Россия | 20 |
| Ҷумҳурии Узбекистон | 2 |
| Ҷумҳурии Халқии Хитой | 4 |
| **Ҳамагӣ:** | **26** |

## 3.2. Табодули байналмилалӣ

Рушди табодули байналмилалӣ ба пешрафти Филиал дар фазои илмии таҳсилотии байналмилалӣ мусоидат мекунад.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандон **12** сафари хизматиро ба Федератсияи Россия, ҷумҳуриҳои Беларус, Узбекистон ва Қирғизистон анҷом доданд. Дар навбати худ, донишҷӯёни Филиал дар чорабиниҳое, ки дар Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Беларус, баргузор гардиданд, иштирок намуда, **3** сафар анҷом доданд.

Мақсади асосии сафарҳои хизматии мазкур иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва гузарондани корҳои илмию таҳқиқотӣ мебошад.

## 3.3. Ҳамкориҳои байналмилалӣ

Мақсад ва вазифаҳои стратегии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар доираи шартномаҳои имзошуда ба фаъолияти муштарак бо донишгоҳҳои ватаниву хориҷӣ, инчунин, бо ташкилотҳои тиҷоратӣ дар соҳаи маориф ва илм нигаронида шудаанд.

Филиал бо зиёда аз **40** муассисаи таълимию илмии хориҷӣ созишнома ва қарордодҳоро ба имзо расонидааст. Тибқи амалишавии созишномаҳои мазкур дар Филиал мунтазам барномаҳои мубодилаи кормандону омӯзгорон, иштирок дар мактабҳои тобистона ва таҳқиқотҳои илмӣ-амалии муштарак гузаронида мешаванд. Дар нимсолаи якуми соли 2026 бо Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Жусуп Баласагин (Ҷумҳурии Қирғизистон), Донишкадаи ҳуқуқшиносии Актобеи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Қазоқистон ба номи Малкеяр Букенбоев (Ҷумҳурии Қазоқистон), Донишгоҳи илмҳои геологӣ (Ҷумҳурии Узбекистон) ва Донишгоҳи инноватсионии Бухоро (Ҷумҳурии Узбекистон) созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид.

## 4. ФАЪОЛИЯТИ ТАРБИЯВӢ ВА РОБИТА БО ҶОМЕА

Дар нимсолаи якуми соли 2026 фаъолияти тарбиявӣ ва робита бо ҷомеаи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе тибқи нақшаи тасдиқшуда амалӣ гардида, ба тарбияи ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиву фарҳангӣ, таҳкими ҳисси масъулияти шаҳрвандӣ ва иштироки фаъоли донишҷӯён дар ҳаёти ҷамъиятӣ равона карда шуд.

Дар давраи ҳисоботӣ дар Филиал чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ва маърифатӣ бахшида ба ҷашнҳои давлатӣ ва санаҳои муҳими таърихӣ баргузор гардиданд. Аксияи ҷумҳуриявии «Тоҷикона мепӯшем» татбиқ шуда, сафарҳои маърифатӣ ба Осорхонаи миллии Тоҷикистон мунтазам ташкил карда шуданд. Донишҷӯён ва кормандон дар чорабиниҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ, инчунин дар чорабиниҳои тарбиявии дохилифилиалӣ иштироки фаъолона доштанд. Ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони Филиал аз Неругоҳи барқи обии «Роғун» боздид намуданд. Ҳамзамон, донишҷӯи Филиал Тоҳирзода Субҳия дар озмуни шаҳрии «Miss Dushanbe – 2026» дар номинатсияи «Miss Intellect» ғолиб дониста шуда, дастаи ҳунарии Филиал дар чорабинии фарҳангии «Базми ҷавонӣ» иштироки фаъол намуд.

Дар маҷмуъ, фаъолияти тарбиявӣ ва робита бо ҷомеаи Филиал дар нимсолаи якуми соли 2026 ба баланд бардоштани сатҳи маънавию фарҳангӣ, таҳкими худшиносии миллӣ, рушди ҷаҳонбинии донишҷӯён ва иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ мусоидати назаррас намуд.




**Расми 10. Теъдоди чорабиниҳои хусусияти тарбиявидошта**

### 4.1. Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон

Татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба рушди ҳамаҷонибаи донишҷӯён ва фароҳамсозии муҳити мусоид барои худшиносии шаҳрвандӣ, иҷтимоӣ ва касбии онҳо равона гардидаст.

Дар ҳамкорӣ бо Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Душанбе ва Бахши кор бо ҷавонон ва варзиши ноҳияи Исмоили Сомонӣ пайваста чорабиниҳои гуногуни тарбиявӣ, фарҳангӣ, маърифатӣ ва варзишӣ ташкил ва баргузор карда мешаванд.

Таваҷҷӯҳи асосӣ ба таҳкими нақши худидоракунии донишҷӯён дар низоми идоракунии Филиал, дастгирии фаъолияти Шурои донишҷӯён ва мусоидат ба таҳия ва амалигардонии лоиҳаҳои донишҷӯён равона карда шуд.

Ҳамзамон, кор дар самти дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ, густариши ҳаракати ихтиёрӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим фаъолона ба роҳ монда шуд. Дар доираи амалигардонии ин ҳадафҳо дар Филиал **13** иттиҳодияи донишҷӯён фаъолият доранд, ки самтҳои гуногуни фаъолиятҳои беруназдарсиро фаро мегиранд. Аз ҷумла, **Шурои донишҷӯён, Шурои сардорони гурӯҳҳо,** клуби донишҷӯён **«Ehyo», ҳаракати волонтёрии фарҳангӣ-маърифатии назди роҳбарият**, **Шурои духтарон**, дастаи эҷодии **«M.SIRIUS-U»,** клуби варзишии **«Нерӯфизо»,** инчунин, як қатор дастаҳои варзишӣ: дастаи футболи хурд **«Симурғ»**, дастаи волейбол **«Золотая подача»** (писарон), **«Виктория»** (духтарон), дастаи баскетбол **«Движение вверх»,** дастаи шоҳмот ва шашка **«Точный ход»,** дастаи дастхобонӣ **«ПАҲЛАВОН-ARM»**. Ширкати донишҷӯён дар фаъолияти ин иттиҳодияҳо ба рушди сифатҳои роҳбарӣ, ташаккули мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, масъулиятшиносӣ, ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ ва ангезаи иштирок дар равандҳои муҳими иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

## 4.2. Робита бо ҷомеа

Самтҳои афзалиятноки фаъолияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар соҳаи васоити ахбори омма ва муоширати расонаӣ аз таъмини мунтазами иттилооти расмӣ дар сомонаи расмии Филиал, ҳамкорӣ бо воситаҳои ахбори омма, ташкили маъракаҳои иттилоотию таблиғотӣ, пешбурди фаъолонаи саҳифаҳои Филиал дар шабакаҳои иҷтимоӣ (Facebook ва Instagram), ширкат дар намоишгоҳҳои илмӣ-саноатӣ ва таълимӣ, инчунин, дастгирии иттилоотии чорабиниҳои расмӣ иборат мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ Филиал бо ВАО муносибати мутақобилан судмандро мустаҳкам намуд. Намояндагони ВАО ба таври мунтазам дар ҳамаи чорабиниҳои Филиал иштирок карда, инъикоси онро таъмин месозанд. Аз ҷумла, дар шабакаҳои телевизионии «Телевизиони Тоҷикистон», «Сафина», «Ҷаҳоннамо», «Душанбе», «Варзиш», «Илм ва Табиат» ва ФМ ШТБ «Мир» дар Тоҷикистон, рӯзномаҳои «Ҷумҳурият», «Народная газета», «Тоҷикистон», «Омӯзгор», «Садои мардум», «Минбари халқ», «Ҷавонони Тоҷикистон», «Мароми пойтахт», инчунин, радиоҳои «Тоҷикистон» ва «Садои Душанбе» чорабиниҳои Филиал инъикос гардиданд.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 дар сомона ва саҳифаҳои расмӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ зиёда аз **170** интишорот ҷойгир карда шуданд.

## 5. ТАЪМИНОТИ МОДДИЮ ТЕХНИКӢ

### 5.1. Тармиму нигоҳдории биноҳо ва иншооти Филиал

Дар нимсолаи якуми соли 2026 корҳои тармимӣ ва нигоҳдории Филиал тибқи нақшаи пешбинишуда амалӣ гардида, шароити мусоид барои таълим, кори омӯзгорону кормандон ва ҳифзи бехатарии онҳо таъмин карда шуд.

Дар гулгаштҳои назди бинои Филиал ба миқдори зиёда аз **1 000** дона гулҳои гуногунранги мавсимӣ шинонида шуда, парвариш гардиданд. Ҳамчунин, дар нимсолаи якуми соли 2026, дар доираи татбиқи Барномаи давлатии кабудизоркунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, аз ҷониби донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандони филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе **400** дарахти сӯзанбарг дар ҳудуди Боғи Ғалабаи пойтахт ва **500** ниҳоли арча дар деҳаи Зафари ҷамоати деҳоти Чоряккорони ноҳияи Рӯдакӣ шинонида шуд.

### 5.2. Таъминоти захиравӣ ва техникӣ

Пояи моддию техникии Филиал аз **77** адад моноблок, **210** адад компютер ва ноутбук, **59** адад дастгоҳи чопӣ ва сканер, **37** адад проектори мултимедиявӣ, **45** адад веб-камера, **29** адад тахтаи электронии интерактивӣ, **2** адад низоми алоқаи видеоконфронсӣ, **1** адад экрани бисёрфунксионалии интерактивӣ, **5** синфхонаи махсусгардонидашудаи компютерӣ ва **1** кабинети лингафонӣ иборат буда, барои дар сатҳи баланд ба роҳ мондани раванди таълим ва фаъолияти илмӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Инфрасохтори Филиал бо таҷҳизоти муосири мултимедиявӣ таъмин буда, **44** синфхонаи таълимӣ ба шабакаи интернет (бо суръати 15 Мбит/с) пайваст мебошанд. Ҳамзамон, дар Филиал китобхонаи электронӣ фаъолият намуда, дар раванди таълим ва идоракунӣ ду низоми барномавии литсензионӣ истифода бурда мешаванд.

### 5.3. Шароити иҷтимоиву маишӣ

Дар Филиал бунгоҳи тиббии муҷаҳҳаз фаъолият дошта, ба хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон ва кормандон ёрии аввалияи тиббӣ мерасонад.

Донишҷӯёни ятиму маъюб ва омӯзгорону кормандони ниёзманди Филиал зери назорати доимии роҳбарияти Филиал қарор доранд. Бояд қайд намуд, ки аз ҷониби раёсати Филиал дар арафаи ҷашнгирии идҳои давлатӣ ва миллӣ ба ятимону маъюбон, бепарасторон ва устодону кормандони ниёзманд, мунтазам кӯмакҳои моддию маънавӣ расонида мешаванд.

Инчунин, омӯзгорон ва кормандони Филиал ба осоишгоҳҳои ҷумҳуриявии «Баҳористон», «Сатурн», «Эдем», «Шоҳамбарӣ» ва «Хоҷа Обигарм» барои истироҳат фиристода шуданд.

Дар нимсолаи якуми соли 2026 ҳамагӣ **148** донишҷӯ соҳиби идрорпулӣ гардиданд.

**2** нафар гирандаи Стипендияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

**43** донишҷӯи Филиал гирандаи стипендияи номии ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» мебошанд.

## 6. ЛИТСЕЙ

Дар Филиал Литсей аз рӯйи равияи илмҳои табиӣ, ки 01 сентябри соли 2012 кушода шудааст, бомуваффақият амал мекунад. Раванди таълим дар Литсей тибқи марҳилаҳои II ва III-юм сурат мегирад ва он барномаҳои асосии таълимии таҳсилоти миёнаи умумиро (пурраро) амалӣ менамояд, ки тибқи иҷозатномаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тайёрии иловагии хонандагонро аз фанҳои табиӣ ва риёзӣ пешбинӣ кардааст.

Ба ҳолати охири соли таҳсили 2025–2026 дар Литсей **384 нафар** хонандаи синфҳои 7-11 таҳсил менамуданд. Сатҳи азхудкунии барномаи таълимӣ **100 фоиз**, нишондиҳандаи сифати дониш **80,7 фоиз** ва миёнаи холҳо **7,6**-ро ташкил дод. Дар соли таҳсил **69 нафар** хонанда Литсейро хатм намуданд.

Яке аз омилҳои асосии ноил гардидан ба чунин натиҷаҳои баланд ҳайати омӯзгорони соҳибкасб мебошад, ки аз **28 нафар** омӯзгори баландихтисос иборат буда, аксарияти онҳо дорои дараҷаи олии тахассусӣ ва унвонҳои фахрии давлатӣ мебошанд. Дар давоми соли таҳсил корҳои мунтазами методӣ, мониторинги сифати дониш, дарсҳои кушод ва такмили ихтисоси омӯзгорон роҳандозӣ гардида, технологияҳои муосири таълим, равиши босалоҳият ва унсурҳои омӯзиши рақамӣ дар раванди таълим васеъ татбиқ карда шуданд.

Ба рушди иқтидори зеҳнии хонандагон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Дар Литсей **13 маҳфили фаннӣ** фаъолият намуда, **220 нафар** хонанда ба онҳо ҷалб гардиданд. Дар давоми соли таҳсил зиёда аз **160** олимпиада, озмун, конференсия ва чорабиниҳои илмӣ-маърифатӣ баргузор шуда, дар онҳо беш аз **290 нафар** хонанда иштирок намуданд, ки аз ин шумора **153 нафар** соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ ва ғолиб гардиданд. Аз рӯи натиҷаҳои олимпиадаи ноҳиявӣ хонандагони Литсей **36 ҷойи ифтихорӣ** ба даст оварда, Литсей аз рӯи рушди ҳаракати олимпиадавӣ ба қатори панҷ муассисаи беҳтарини таҳсилоти умумии ноҳияи Исмоили Сомонӣ шомил гардид.

Фаъолияти тарбиявӣ мутобиқи Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ба ташаккули ҳисси ватандӯстӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, арзишҳои маънавию ахлоқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва тарзи ҳаёти солим равона гардид. Дар давоми соли таҳсил чорабиниҳои ватандӯстона, фарҳангӣ, касбинтихобкунӣ, пешгирикунанда, варзишӣ ва маърифатӣ баргузор шуда, худидоракунии хонандагон фаъолона рушд ёфт, дастгирии равонӣ ва иҷтимоии хонандагон таъмин гардида, ҳамкории Литсей бо падару модарон ва сохторҳои давлатӣ боз ҳам таҳким бахшида шуд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои фаъолияти Литсей аз болоравии устувори сифати раванди таълим, самаранокии низоми тарбия ва иштироки муваффақонаи хонандагон дар олимпиадаҳо ва дигар мусобиқаҳои зеҳнӣ шаҳодат медиҳанд. Муҳити муосири таълимӣ, ҳайати омӯзгорони баландихтисос ва татбиқи усулҳои пешрафтаи омӯзиш имкон медиҳанд, ки Литсей мавқеи худро ҳамчун яке аз муассисаҳои пешқадами таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз намуда, хатмкунандагони рақобатпазирро барои идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои пешрафтаи кишвар ва хориҷ аз он омода созад.

## 7. ДУРНАМОИ ФАЪОЛИЯТ

Дурнамои фаъолияти филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе ба татбиқи афзалиятҳои стратегии рушди муассиса ва иҷрои вазифаҳои муҳими таълимӣ, илмӣ ва байналмилалӣ равона мегардад.

Аз ҷумла, дар соли таҳсили 2026/2027 оғоз намудани қабули довталабон ба зинаи **магистратура** аз рӯйи ихтисосҳои **41.04.05 – Муносибатҳои байналмилалӣ**, **05.04.01 – Геология** ва **01.03.02 Математикаи амалӣ ва информатика** дар асоси Иҷозатномаи Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи таҷлили 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Филиал ду маркази нави илмӣ ба фаъолият оғоз менамоянд: Маркази илмӣ-таҳқиқотии **«Ташаббусҳои давлатӣ, сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Эмомалӣ Раҳмон»** ва **«Маркази рушди зеҳни сунъӣ, таҳлили додаҳо ва технологияҳои рақамӣ»** (дар доираи лоиҳаи ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон»), ки ба рушди таҳқиқоти илмӣ, татбиқи технологияҳои рақамӣ ва омодасозии мутахассисони ҷавобгӯ ба талаботи замон мусоидат хоҳанд кард.

Ҳамзамон, Филиал фаъолияти худро ба татбиқи як қатор вазифаҳои афзалиятнок, аз ҷумла баланд бардоштани сифати таҳсилот, рушди барномаҳои таълимӣ, густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ, тақвияти фаъолияти нашриявии олимону омӯзгорон, рақамикунонии раванди таълим, такмили инфрасохтори илмӣ, таҳкими ҳамкорӣ бо корфармоён ва дастгирии муҳаққиқони ҷавон ва донишҷӯёни болаёқат равона хоҳад сохт. Ин тадбирҳо барои боз ҳам баланд бардоштани нуфузи Филиал ҳамчун яке аз муассисаҳои пешрафтаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи устувор фароҳам меоранд.

.

С О Д Е Р Ж А Н И Е

| | | |
|---|---|---|
| | **ОБЩИЕ СВЕДЕНИЯ** | **2** |
| **1.** | **ОБРАЗОВАТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ** | **3-5** |
| 1.1. | Общие сведения о направлениях подготовки | 3 |
| 1.3. | Контингент студентов | 3 |
| 1.4. | Организация практик | 4 |
| 1.5. | Включённое обучение | 4 |
| 1.7. | Трудоустройство выпускников | 4 |
| 1.8. | Кадровое обеспечение учебного процесса | 5 |
| **2.** | **НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКАЯ И ИННОВАЦИОННАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ** | **6-8** |
| 2.1. | Научно-исследовательские направления и публикационная активность | 6 |
| 2.2. | Научно-исследовательская деятельность студентов | 7 |
| 2.3. | Студенческие олимпиады, конкурсы | 7 |
| 2.4. | Научные мероприятия | 7 |
| 2.5. | Подготовка научных и научно-педагогических кадров | 8 |
| 2.7. | Издательская деятельность | 8 |
| **3.** | **МЕЖДУНАРОДНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ** | **9** |
| 3.1. | Иностранные студенты | 9 |
| 3.2. | Международная академическая мобильность | 9 |
| 3.3. | Международные соглашения | 9 |
| **4.** | **ВОСПИТАТЕЛЬНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ И СВЯЗЬ С ОБЩЕСТВЕННОСТЬЮ** | **10-11** |
| 4.1. | Реализация государственной молодёжной политики | 10 |
| 4.2. | Связь с общественностью | 11 |
| **5.** | **МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЕ ОБЕСПЕЧЕНИЕ** | **12** |
| 5.1. | Реконструкция, обслуживание и содержание здания Филиала и прилегающих к нему территорий | 12 |
| 5.2. | Ресурсное и техническое обеспечение | 12 |
| 5.3. | Социально-бытовые условия | 12 |
| **6.** | **ЛИЦЕЙ** | **13** |
| **7.** | **ПЕРСПЕКТИВЫ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ** | **14** |

Для системы образования нашей страны открытие филиала Московского государственного университета является знаковым событием в деле подготовки специалистов современной формации, которые востребованы во всех сферах жизни нашего общества.

**ЭМОМАЛИ РАХМОН**

## ОБЩИЕ СВЕДЕНИЯ

Филиал Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе был открыт с целью расширения международного сотрудничества в области высшего образования на основании указа Президента Республики Таджикистан от 06 мая 2009 года №655. Учредителями Филиала стали Министерство образования и науки Республики Таджикистан и Московский государственный университет имени М.В. Ломоносова.

Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон, отметив стратегическую важность открытия в республике Филиала университета с мировым именем, поставил задачу по преобразованию его в региональный филиал Московского университета.

Образовательная деятельность обеспечивается за счёт финансирования из государственного бюджета Республики Таджикистан.

